«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода,
доктори илмҳои филологӣ, профессор
_____________ Гулназарзода Ж.Б.
«___» ___________ соли 2025

**ТАҚРИЗИ**
Муассисаи пешбар ба диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 - Психология (6D 050307 - Психологияи педагогӣ) пешниҳод шудааст

**1. Мутобиқати диссертатсия ба соҳаи таҳқиқот**

Диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D050300 - Психология (6D 050307 - Психологияи педагогӣ) мувофиқат мекунад.

**2. Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот**

Дар раванди ташаккули фазои ягонаи дунявӣ таҳсилоти муосир бояд, на танҳо дар эътирофи арзишҳои хонанда, бахусус хонандаи синни хурди мактабӣ, инчунин дар ташкили шароитҳои зарурӣ барои инкишофи маҳорату малака ва қобилияти муоширати ӯ низ мавқеи намоён дошта бошад. Инкишофи қобилиятҳои муоширатӣ тадриҷан, ба ташаккули ҳисси эътибор, шаъну шараф, комилият ва ягонагиву нотакрории шахс, аз ҷумла хонандаи хурдсол мусоидат мекунад. Вобаста ба ин, унвонҷӯ Маҷидов П.И. қайд мекунад, ки таҳқиқоти илмҳои психология ва педагогика, инчунин дигар соҳаҳо исбот кардаанд, ки суҳбату муколама барои хонандагони синни хурди мактабӣ дар соли аввали таҳсил дар мактабу ҷамъият як қатор душвориҳои кӯтоҳмуддатро ба миён меоранд. Муколама дорои зарурияти хоса аст, зеро маҳз тавассути он муносибати иҷтимоии минбаъдаи хонандаи хурдсол дар ҷамъият муқаррар ва устувор гашта, мавқеи ӯ муайян мегардад. Тавре маълум аст, агар қобилияти муошират дар синни томактабӣ ва хурди мактабӣ суст инкишоф ёбад, он минбаъд низ дар синни миёна ва калони мактабӣ нокифоя рушд мекунад. Нутқи муколамавиро аз худ накарда, хонандаи

хурдсол хусусиятҳои нутқи монологиро, ки ба он дар давраи мактабхонӣ талабот бештар мегардад, ба таври бояду шояд омӯхта наметавонад.

Зарурати муайян намудани асосҳои назариявию методии хусусиятҳои инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим ва таҳқиқи нокифояи ин масъала аз нигоҳи психологӣ-педагогӣ мубрамии мавзуи диссертатсияи мазкурро муайян кардааст.

## 3. Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳо

Аз таҳқиқоти илмӣ бармеояд, ки ҳадафи кори диссертатсионӣ аз ҷиҳати назариявӣ омӯхтан ва ба таври амалӣ муайян намудани хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим ба шумор меравад. Барои ноил шудан ба ин мақсад унвонҷӯ вазифаҳои таҳқиқотро муайян намудааст, ки ҳалли онҳо ба коркарди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намудаанд.

Натиҷаҳои назаррасе, ки моҳияти навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода мекунанд, инҳо ба шумор мераванд:

- дар илми психологияи тоҷик бори аввал дар доираи раванди таълим маҷмуи нуктаҳои ибтидоии асосҳои психологию педагогии ташаккули малакаҳои муоширати хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт;
- тартибу меъёрҳои хусусиятҳои психологӣ ва педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ бо омӯзгорон ва ҳамсолон дар ҷараёни таълим мушаххасан муайян карда шуд;
- меъёр ва дараҷаҳои хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим муқаррар карда шуд;
- усул ва роҳҳои истифодаи методҳои психологӣ-педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим тариқи ташхиси эксперименталӣ санҷида ва исбот гардид;
- дар асоси таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба инкишофи хусусиятҳои психологӣ-педагогии муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим таҳияву коркард шуданд.

## 4. Аҳаммияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки шароитҳои психологӣ-педагогии пешниҳодшуда, воситаҳои инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таълим, маводи ташхисии таҳияшуда ва тавсияҳои методиро омӯзгорон дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаи таҳсилоти мактабӣ

истифода бурда метавонанд. Маводи таҳқиқотро ҳангоми ташкили курсҳои махсус барои донишҷӯёни коллеҷ ва мактабҳои олии педагогӣ, ба сифати боб ё фасли барномаҳои таълимиву китобҳои дарсии самти ихтисоси психологияи омӯзгорӣ ва синнусолӣ, ҳангоми гузарондани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, дар амалияи оммавии тарбияи мактабӣ ва оилавӣ истифода бурдан мумкин аст.

## 5. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

Саҳми шахсии довталаб аз муайян кардани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва масъалаҳои таҳқиқот ва матраҳ сохтани масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлилу баррасии иттилооти бадастовардашуда, иборат мебошад. Таҳлили назариявию методологӣ, таҳқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи гузошташуда, коркарди пешниҳод ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро тартиб медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллифи рисола маҳсуб меёбанд

## 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Муқарраротӣ асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои дар давоми солҳои 2019-2024 баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, унвонҷӯ мақолаҳои илмии худро дар маҷаллаҳои илмӣ, маводҳои конференсияҳои гуногун чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар 13 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда шомилбуда, нашр гардидаанд.

## 7. Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, 2 боб, 5 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Матни диссертатсия 172 саҳифаи чопӣ, 4 ҷадвал ва 12 диаграммаро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 166 номгӯй маводи назариявию методӣ ва дигар сарчашмаву маъхазҳоро фаро мегирад.

**Дар муқаддима** аҳаммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин аҳаммияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия - «Асосҳои назариявии хусусиятҳои муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ»** аз се зербоб ва хулоса иборат буда, дар он муошират ҳамчун масъалаи муҳимми таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ, хусусиятҳои инкишофи психологӣ-педагогии

хонандагони синни хурди мактабӣ, омилҳои назариявии психологияи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таълим мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар раванди шиносоӣ бо таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум гардид, ки унвонҷӯ Маҷидов П.И. бо адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот хеле зиёд кор кардааст. Аз ҷумла, диссертант ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро оид ба шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим истифода бурдааст.

Унвонҷӯ Маҷидов П.И. қайд намудааст, ки дар шароити муосири рушди низомҳо ва технологияҳои таълимӣ масъалаи муошират дар таҳқиқоти психологию педагогӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ба андешаи унвонҷӯ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муошират тартиби дохилии фаъолияти якҷояи одамонро ташкил медиҳад, яъне афзоиши нақши муошират ва муҳиммии омӯзиши муошират чунин вобастагӣ дорад: аксар вақт дар муоширати бевоситаи ҷамъият (якчанд нафар) қарорҳое қабул мешаванд, ки метавонистанд аз тарафи як нафар қабул шаванд. Унвонҷӯ қайд кардааст, ки аз таҳлилҳои психологӣ маълум мегардад, ки вазифаҳои муошират имкон медиҳанд амиқии мазмуну моҳияти муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва муҳиммии ҳамдигарфаҳмии одамон муайян гарданд. Проблемаи истифодаи мафҳуми муошират аз нигоҳи психологӣ-педагогӣ ҳамеша мавриди баҳс ва мунозираҳои мухталифи муҳаққиқон қарор дорад. Ҷамъбасти ниҳоии муошират ба истифодабарандагони он равона гардида, онҳо метавонанд ба ҳамдигар вобаста ба имконият ва тавоноии шахсӣ баҳогузорӣ намоянд.

Хусусиятҳои инкишофи психологӣ-педагогии хонандагони синни хурди мактабиро таҳқиқ намуда, унвонҷӯ таъкид намудааст, ки хусусиятҳои инкишофи психологӣ-педагогии хонандагони синни хурди мактабӣ зарурати равиши комплексӣ ва системавӣ ба раванди таълимро тақозо мекунад, ки ба назар гирифтани қонуниятҳои синнусолӣ ва ниёзҳои кӯдаконро дар бар мегирад ва ин ба ҳалли самараноки вазифаҳои тарбия ва омӯзиши онҳо имкон медиҳад.

Ба андешаи унвонҷӯ, инкишофи психикии кӯдак аз муошират оғоз меёбад ва ин шакли аввали фаъолнокии иҷтимоӣ буда, дар онтогенез пайдо мешавад, ки ба шарофати он кӯдаки хурдсол маълумоти барои инкишофи шахсӣ зарурӣро ба даст меорад.

Омилҳои назариявии психологияи муоширати хонандагонро дар ҷараёни таълим муайян намуда, унвонҷӯ ба хулосае омадааст, ки муоширати хонандагони синфҳои болоӣ бо тобоварии зиёд ва худпарастӣ тавсиф мешавад. Таркибҳои тағйирёбандаи зикршудаи муоширати хонандагони синфҳои поёнӣ дар сатҳи пасттар қарор доранд, яъне устувор буда, маромнокии ҳамкории иҷтимоӣ доранд. Муоширати онҳо бештар ба худфаъолкунӣ ва худинкишофёбии шахсият равона шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муошрати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»** номгузорӣ шуда, дар он озмоиши истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муошрати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим баррасӣ шуда, тавсияҳо оид ба истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим таҳия карда шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот диссертант Маҷидов П.И. муайян кардааст, ки татбиқи вазифаҳо, ки ба рушди маҳорати иртиботии хонандагони синни хурд равона шудаанд, талаб мекунад, ки шароити махсуси равонӣ-педагогӣ фароҳам оварда шавад. Ин шароитҳо ба кушодани потенсиали ҳар як кӯдак мусоидат намуда, ташаккули эътимод ба қувваҳои худ ва ҳавасмандии фаъол дар раванди таълимро дастгирӣ мекунанд. Ворид намудани шароити равонӣ-педагогӣ ба амалияи таълимӣ бо истифода аз усулҳои инноватсионии таълим ва технологияҳое алоқаманд аст, ки ба иштироки фаъолонаи хонандагон дар раванди таълим ва ҳамкорӣ бо омӯзгор ва ҳамсолон мусоидат менамоянд. Ба андешаи унвонҷӯ, инкишофи онтогенезии инсон ба қонунҳои муайяни инкишоф такя менамояд.

Унвонҷӯ Маҷидов П.И. барои муайян намудани роҳҳои ислоҳи мушкилиҳои муошират дар хонандагони синни хурди мактабӣ, методикаҳои зеринро истифода намудааст: «Дастпӯшакҳо» , «Роҳ ба сӯи хона» ва «Кӣ ҳақ аст».

Дар қисми озмоишии кор, бо мақсади омӯзиш ва ошкор намудани роҳҳои ислоҳи мушкилоти муошират, хонандагони синфи 2-юми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №7, 11, 10, 9-и шаҳри Душанбе, ки дар умум 100 нафарро ташкил медоданд, иштирок намудаанд. Ҳангоми гузаронидани ташхис дар 50 нафар хонандагон душворӣ дар асоснок кардани ҷавобҳои худ ба миён омадааст. Сабаби душворӣ кашидани хонандагон дар маҳдудияти ҷаҳонбинӣ, шавқу ҳавас ва кам будани захираи луғавӣ маънидод карда мешавад. Дараҷаи баланди фаъолияти муташаккилӣ, ба инобат гирифтани мавқеи ҳамсуҳбат ҳангоми муошират, дар 36 нафар хонандагон мушоҳида карда шудааст, ки ин 40%-ро ташкил дод. Хонандагон мавқеъҳои гуногуни нақшҳоро ба назар гирифта, бе мушкилӣ фикру ақидаи худро дар бораи супориш баён карда тавонистаанд.

Унвонҷӯ дар марҳилаи дуюм аз рӯйи методикаи Сукерман Г.А. «Дастпӯшакҳо» озмоиш гузаронида, ба чунин хулоса омадааст, ки бештари хонандагони синфи озмоишӣ дар байни худ робита барқарор карда метавонанд: тарзи гӯш кардан ва дарк намудани ҳамсуҳбат, оид ба масъалаҳои ҷорӣ нуқтаи назари худро баён карда тавонистан, бо ҳамсинфони худ ба муросо омадан, қобилияти аз ҷабҳаҳои дигар ба вазъият нигоҳ карда тавонистан, ба даст овардани роҳи ҳалли мушкилии

ба ҳама қулай, пешниҳод намудани саволҳои мувофиқ барои гирифтани ҷавоби аниқ, муносибати эмотсионалӣ нисбат ба кори гурӯҳӣ руҳбаландона буд ва ҳамаи хонандагон супоришро бо як майли том иҷро намуданд.

Ба андешаи унвонҷӯ яке аз омилҳои асосии таълиму тарбияи фарзандон ин ҷалби волидон ба ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб мебошад. Оила аввалин муҳити иҷтимоие мебошад, ки бача дар он ба воя мерасад, таълиму тарбия мегирад, минбаъд дар боғча ва мактаб ташаккули минбаъдаи ӯ давом мекунад.

Унвонҷӯ Маҷидов П.И. қайд намудааст, ки дар ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб робитаи байни волидон - омӯзгор - хонанда басо муҳим аст, зеро ин робитаи мушкилиҳои муносибатро танзим менамояд. Таълим дар мактаб натанҳо гирифтани дониш, инчунин ташаккул додани шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта мебошад. Муваффақияти раванди таълим аз он иборат аст, ки чӣ тавр муносибатҳо дар байни омӯзгор - волидон - хонанда ба роҳ монда мешаванд.

Дар натиҷаи озмоиш унвонҷӯ муайян намуд, ки 24% омӯзгорон аз шакли демократӣ, 65% аз шакли авторитарӣ ва 11% аз шакли либералии идоракунии синф ва муошират истифода мебаранд. Дар байни хонандагоне, ки омӯзгори онҳо шакли идора ва муоширати авторитариро истифода мебаранд, баёни озодонаи фикр ва мустақилият хеле кам ба мушоҳида расид, яъне шакли рафтор ва гуфтори омӯзгор дар раванди таълим ба хонанда таъсири худро мерасонад.

Дар асоси таҳлили таҳқиқоти илмии педагогӣ-психологӣ оид ба малакаҳои муошират, унвонҷӯ муайян кардааст, ки синни барвақтии мактабӣ давраи мутобиқшавӣ, барои азхуднамоии муносибат дар иҷтимоиёт, маҳорати муошират, азхуднамоии малакаҳои муоширати шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ мебошад. Дар ҷараёни давраи озмоишӣ бача ҳамчун субъект инкишоф меёбад ва дар ҳамин давра шинохтани муҳити атроф ва худро сар мекунад. Рафторҳои ӯ аз рафторҳои дар иҷтимоиёт қабулшуда фарқ менамояд. Зеро дар синни хурди мактабӣ бача фаъолияти худро ба фаъолияти атрофиён, ҳамсолон мутобиқат мегардонанд.

Ба андешаи унвонҷӯ, ворид шудан ба раванди таълим мавкеи иҷтимоии бачаро тағйир медиҳад, зеро аъзои оила ва омӯзгорон ба шахсияти ӯ талаботи нав мегузоранд. Дар олами ботинии бача низ навовариҳо рӯй медиҳанд, ки ба инкишофи ақлию зеҳнии ӯ замина фароҳам меоранд. Масъалаи ба мактаб омода намудани бачагон диккати олимони соҳаи психология ва педагогикаро ҷиддӣ ба худ ҷалб намудааст.

Дар қисми хулосавӣ унвонҷӯ қайд намудааст, ки синни хурди мактабӣ давраи инкишофи интенсивӣ ва тағйирёбии сифатии ҷараёнҳои маърифатӣ ба ҳисоб меравад: ин ҷараёнҳо хусусияти миёнаравӣ пайдо мекунанд ва ба равандҳои бошуурона ва худсарона табдил меёбанд. Дар

ин давраи синнусолӣ бача ба доираи нави муносибатҳои иҷтимоӣ ворид мегардад, инчунин муошират дар ин давра махусусияти хосро дорост. Унвонҷӯ дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот муайян кардааст, ки малакаҳои муошират ва рафтори иҷтимоии хонандагонро бо ёрии технологияҳои бозӣ инкишоф додан мумкин аст. Бозиҳо метавонанд фикррониро фаъол намоянд, суханронии бачагонро сайқал диҳанд, захираи луғавии онҳоро бой гардонанд ва онҳоро водор намоянд, ки ба ҳамдигар меҳрубон бошанд ва ба талабу хоҳишҳои дигарон диққат диҳанд.

Ба андешаи унвонҷӯ, Маҷидов П.И. ҳамаи душвориҳои ҳаёти мактаб дар муошират бача дар оила инъикос меёбанд.

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур чунин мебошад:

- дастгоҳи илмии таҳқиқот дуруст баён карда шудааст;

- кори таҷрибавию озмоишӣ пурра ба мавзуи диссертатсия мувофиқат намуда, натиҷаҳои он дар расм, ҷадвал ва диаграммаҳо пешниход гардидаанд;

- хулосаҳои боби якуму дуюм ва хулосаҳои умумӣ ба мазмуни матн, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда пурра мувофиқат менамоянд.

- пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуктаҳои илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як марҳилаи таҳқиқот, мантиқи фикррониии унвонҷӯ, сарфи назар аз баъзе норасоӣ ва камбудиҳои ҷузъӣ, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 - Психология (6D 050307 - Психологияи педагогӣ), авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

**8. Эродҳо доир ба диссертатсия**

Новобаста аз он ки диссертатсияи мазкур ҷиҳатҳои зиёди бартаринок дорад, вале дар он баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ баррасӣ шудааст, вале агар диссертант аз корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ бештар истифода мебурд, кори диссертатсионӣ боз ҳам диққатҷалбкунанда мешуд.

2. Дар саҳифаи 128-уми диссертатсия диаграммаи 10 "Барои баланд бардоштани шавқмандии фарзанд ба таълим кадом корҳоро ба анҷом мерасонед?"оварда шудааст. Вале саволҳое, ки ба волидайн дода шудаанд, иҷрои ин ё он корро дар назар надошта, балки нақш ва

аҳаммияти таълимро дар ташаккули шахсияти хонандагон дар бар мегирад. Дар фаъолияти минбаъдаи диссертант, ки кори диссертатсионӣ бояд дар шакли монография нашр шавад, ба масъалаи мазкур бояд диққат дода шавад.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ба назар мерасад, ки ислоҳ мехоҳанд.

Аммо бояд қайд намуд, ки камбудиҳои ҷойдошта ба қиммати илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд ва характери тавсиявӣ доранд. Диссертатсияи илмӣ ва автореферати он дар сатҳи зарурӣ омода шуда, аз лиҳози мазмун ба талабот пурра мувофиқ мебошанд.

**9. Мувофиқати мазмуни автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он тавсифи умумии кор, муҳтавои асосии диссертатсия, навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷой дода шудааст. Рисолаи диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй мебошад. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

**Хулосаи умумӣ**

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионии Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошировти хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» кори таҳқиқоти нав, навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда ва мубрами зинаи ибтидоии таҳсилоти мактабӣ ба шумор меравад. Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҷидов Парвизҷон Имомназарович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 - Психология (6D 050307 - Психологияи педагогӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ашурова Дилором мураттаб шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода бо иштироки Маҷидов Парвизҷон Имомназарович баррасӣ ва муҳокима гардида, тақризи мазкур якдилона тариқи овоздиҳии кушоди ҳозирин тасдиқ карда шуд.

Дар ҷаласаи васеи кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода 12 нафар омӯзгорон иштирок намуданд.

Натидаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 12 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода аз 14 феврали соли 2025, №7).

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи психологияи ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Раҷабова Ф.О.

Эксперт оиди диссертатсия, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психологияи ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Ашурова Д.

Котиби ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Ошимова М.М.

14.02.2025.

Имзои Раҷабова Ф.О., Ашурова Д. ва Ошимова М.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Юсупова Б.Ғ.

**Маълумот барои тамос:** Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кучаи Муҳаммадиев, 17/6. Донишгохи байналмилалии забонҳои хориҷии Точикистон ба номи Сотим Улугзода. Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003. Сомона: ddzt@ddzt.tj